***УДК 94 (575.3)***
***DOI 10.24412/3005-849X-2025-4-49-57***

# ТАҲАВВУЛИ СИЁСАТИ ИҶТИМОӢ ВА НИЗОМИ ХИЗМАТРАСОНИИ ТИББӢ ОИД БА ҲИФЗИ МОДАРУ КӮДАК ДАР ТОҶИКИСТОНИ СОҲИБИСТИҚЛОЛ

***Юсупова Зарина Шарофитдиновна,***
*унвонҷӯи кафедраи таърих ва диншиносии ДДҲБСТ (Хуҷанд, Тоҷикистон)*

# ЭВОЛЮЦИЯ СОЦИАЛЬНОЙ ПОЛИТИКИ И СИСТЕМЫ МЕДИЦИНСКОГО ОБСЛУЖИВАНИЯ В ОБЛАСТИ ОХРАНЫ МАТЕРИНСТВА И ДЕТСТВА В НЕЗАВИСИМОМ ТАДЖИКИСТАНЕ

***Юсупова Зарина Шарофитдиновна,***
*соискатель кафедры истории и религиоведения ТГУПБП (Худжанд, Таджикистан)*

# EVOLUTION OF SOCIAL POLICY AND THE SYSTEM OF HEALTHCARE IN THE FIELD OF MATERNITY AND CHILDHOOD PROTECTION IN INDEPENDENT TAJIKISTAN

***Usupova Zarina Sharofitdinovna,***
*applicant for a scientific degree of the department of history and religious studies under the TSULBP (Khujand, Tajikistan)*
***e-mail:*** *Zysh1981@mail.ru*

*Таҳаввули сиёсати иҷтимоӣ ва низоми хизматрасонии тиббӣ дар самти ҳифзи модару кӯдак дар даврони соҳибистиқлолии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди омӯзиш ва таҳлил қарор гирифтааст. Бо такя ба сарчашмаҳои расмӣ, санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва адабиёти илмӣ, тағйироту ислоҳоти калидӣ дар соҳаи тандурустӣ, махсусан дар самти ҳимояи ҳуқуқӣ ва иҷтимоии модарону кӯдакон, баррасӣ шудааст. Нақши Пешвои миллат дар таҳкими сиёсати иҷтимоӣ, рушди хадамоти тиббӣ, густариши барномаҳои миллии ҳифзи модару кӯдак ва татбиқи ҳадафҳои устувори рушди инсонӣ нишон дода шудааст. Таъкид гардидааст, ки муваффақиятҳои бадастомада дар соҳаи тандурустӣ ва ҳимояи модару кӯдак натиҷаи сиёсати пайгирона, ҳамкории давлат бо шарикони рушд ва баланд бардоштани масъулияти иҷтимоии ҷомеа мебошанд. Таҳлили масъала нишон медиҳад, ки дар давраи соҳибистиқлолӣ заминаҳои устувори ҳуқуқӣ ва институтсионалӣ барои таъмини саломатии модару кӯдак, баробарии гендерӣ ва рушди солими наслҳои оянда гузошта шудаанд.*

***Калидвожаҳо:*** *Пешвои миллат, сиёсати иҷтимоӣ, рушди соҳаи тиббӣ, ҳифзи модару кӯдак, соҳибистиқлолии давлатӣ, баробарҳуқуқии занон, ислоҳоти низоми тандурустӣ, ҳифзи иҷтимоӣ*

*Рассматриваются эволюция социальной политики и системы медицинского обслуживания в области охраны материнства и детства в период государственной независимости Республики Таджикистан. С опорой на официальные источники, нормативно-правовые акты и научно-популярную литературу анализируются основные изменения и реформы в сфере здравоохранения, особенно в правовой и социальной защите матерей и детей. Раскрывается роль Лидера нации в укреплении социальной политики, в оказании медицинских услуг, в расширении национальных программ по охране материнства и детства, а также в реализации устойчивых целей человеческого развития. Подчеркивается, что успехи, достигнутые в области здравоохранения и защиты материнства и детства, являются результатом последовательной государственной политики, сотрудничества с партнёрами по развитию и повышения социальной ответственности общества. Анализ проблемы показывает, что в период независимости*

*были созданы прочные правовые и институциональные основы для обеспечения здоровья матери и ребёнка, гендерного равенства и устойчивого развития будущих поколений.*

***Ключевые слова:*** *Лидер нации, социальная политика, оказание медицинских услуг, охрана материнства и детства, государственная независимость, равноправие женщин, реформы системы здравоохранения, социальная защита*

*This article examines the evolution of social policy and the healthcare system in the field of maternal and child protection during the period of state independence of the Republic of Tajikistan. Relying on official sources, regulatory and legal documents, as well as scientific and popular literature, the author analyzes the main changes and reforms in the healthcare sector, particularly in the area of legal and social protection of mothers and children. The article highlights the role of the Leader of the Nation in strengthening social policy, developing medical services, expanding national programs for the protection of motherhood and childhood, and implementing sustainable human development goals. The author emphasizes that the achievements in healthcare and maternal and child protection are the result of consistent state policy, cooperation with development partners, and the enhancement of social responsibility within society. The analysis demonstrates that during the years of independence, strong legal and institutional foundations have been established to ensure maternal and child health, gender equality, and the sustainable development of future generations.*

***Key-words:*** *Leader of the Nation, social policy, rendering medical services, protection of motherhood and childhood, state independence, gender equality, healthcare system reforms, social protection*

Нигоҳдорӣ ва таҳкими солимии репродуктивӣ яке аз ҷузъҳои калидии сиёсати иҷтимоии ҳар як давлат ба ҳисоб меравад, зеро он на танҳо раванди такрористеҳсоли аҳолиро таъмин менамояд, балки ҳамчун омили муҳим дар ҳифзи генофонди миллӣ ва суботи иҷтимоӣ баромад мекунад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ин самт ҳамчун вазифаи давлатӣ дар маркази таваҷҷуҳи роҳбарияти олии кишвар қарор дошта, дар заминаи сиёсати иҷтимоиву иқтисодӣ тадбирҳои муҳимми қонунгузорӣ, ташкиливу инфрасохторӣ ва молиявӣ амалӣ мегарданд.

Дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки заминаи ҳуқуқии сиёсати иҷтимоии давлатро муайян месозад, ҳуқуқи ҳар шахс ба ҳифзи саломатӣ кафолат ёфтааст. Ин ҳуқуқ тавассути расонидани ёрии тиббии бепул дар муассисаҳои давлатии тандурустӣ, таъмини амнияти экологӣ, рушди варзиши оммавӣ ва тарбияи ҷисмонӣ амалӣ мешавад.

Пас аз поёни низои дохилӣ дар соли 1997, ки боиси сустшавии тулонии фаъолияти иқтисодиву иҷтимоӣ гардида буд, давлат таҳти роҳбарии Пешвои миллат ба ислоҳоти низоми тандурустӣ оғоз намуд. Ҳадафи асосӣ – барқарорсозӣ ва рушди инфрасохтор, баланд бардоштани сифати хизматрасониҳои тиббӣ ва фарогирии аҳолӣ, махсусан дар минтақаҳои деҳот бо ёрии тиббӣ буд. То миёнаҳои солҳои 2000, бахусус то соли 2005, вазъи моддию техникӣ ва таъминоти муассисаҳои тиббӣ бо таҷҳизот ва доруворӣ дар сатҳи қонеъкунанда набуд. Бо вуҷуди ин, дар натиҷаи чораҳои амалишуда, то охири даҳсолаи аввал дастрасии хизматрасонии тиббӣ дар тамоми минтақаҳои кишвар ба маротиб афзуд. Шабакаи муассисаҳои тиббӣ, аз ҷумла 361 беморхона ва зиёда аз 2400 муассисаи ёрирасони тиббӣ, хизматрасониҳои асосии муолиҷавӣ ва профилактикиро фароҳам оварданд, гарчанде камбуди кадрҳои баландихтисос то ҳол мушкилоти ҳалталаб боқӣ мемонд.

Қабули Стратегияи миллии солимии аҳолӣ барои солҳои 2010–2020 қадами муҳим дар самти таҳкими низоми ҳифзи саломатии аҳолӣ, аз ҷумла модарону кӯдакон буд. Дар доираи ин ҳуҷҷати барномавӣ, ба рушди хадамоти тиббӣ барои занон, таъсиси марказҳои солимии репродуктивӣ ва тавсеаи хизматрасониҳои пешгирикунандаи бемориҳо аҳаммияти вижа дода шуд.

Таҳлил нишон медиҳад, ки бемориҳои вобаста ба сифати ғизо, таъсири манфии муҳити зист ва тарзи номувофиқи зиндагӣ, аз ҷумла бемориҳои сироятӣ, дар миёни занон то ҳол паҳн шудаанд. Омори расмӣ гувоҳӣ медиҳад, ки ҳомиладорӣ дар беш аз нисфи ҳолатҳо бо бемориҳои ҳамроҳ, аз қабили камхунӣ ва патологияҳои нейроэндокринӣ ва дилу раг, ба қайд гирифта мешавад. Нишондиҳандаи таваллудҳои мураккаб баланд боқӣ мемонад, ки аз зарурати идомаи чораҳои беҳдоштӣ ва профилактикӣ шаҳодат медиҳад. Чунончӣ, пизишки гинеколог Шамсиддин Қурбонов қайд мекунад, ки: «Бемориҳои марбут ба сифати ғизо, таъсири омилҳои манфии муҳити зист ва тарзи зиндагӣ (бахусус, бемориҳои сироятӣ) дар байни занон васеъ паҳн шудаанд. Зиёда аз 45%-и гирифторшавӣ ба бемории сил дар байни занон аст. Дар 60,4%-и занон ҳомиладорӣ дар заминаи бемориҳои экстрагениталӣ ба амал меояд, ки маъмултарини онҳо камхунӣ, бемориҳои нейроэндокринӣ, узвҳои таносулӣ ва гардиши хун мебошанд. Басомади таваллуди мураккаб баланд аст (489,4 ҳолат ба 1000 таваллуд), ки дар байни онҳо камхунӣ (375,2 ҳолат ба 1000 таваллуд) ва гестоз (40,4 ҳолат ба 1000 таваллуд) мебошанд. Вазъият марбутан ба марги модарон хеле печида ва пайгирии он душвор боқӣ мемонад” [1].

Дар маҷмуъ, таҷрибаи солҳои соҳибистиқлолӣ нишон медиҳад, ки таҳкими хизматрасониҳои тиббӣ ва ҳифзи модару кӯдак дар Тоҷикистон самараи якҷояи ислоҳоти дохилии низоми тандурустӣ, ҷалби шарикони рушд ва пеш аз ҳама, сиёсати пайгирона ва дурбинонаи Пешвои миллат аст, ки ҳадафи он – таъмини наслҳои оянда бо шароити солим ва устувори ҳаёт мебошад.

Ҳамасола дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тамоюли коҳиши фавти модарону кӯдакон мушоҳида мешавад. Масалан, агар дар соли 2000-ум фавти тифлон 97 ҳолатро ба ҳар 100 ҳазор тифли навзод ташкил дода бошад, соли 2011 ин нишондиҳанда то 37 ҳолат ба ҳар 100 ҳазор кӯдаки навзод коҳиш ёфт. Гузашта аз ин, шумораи занони серфарзанд кам шудааст, яъне агар қаблан маъмулан як зан 8-9 фарзанд таваллуд кунад алҳол, шумораи таваллуд сол аз сол кам мешавад. Ин маънои онро дорад, ки волидон банақшагирии оиларо омӯхтаанд ва зан метавонад дар ҳама гуна маркази тиббӣ ё дармонгоҳи маҳалли зисти худ доруҳои зиддиҳамл дастрас кунад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳифзи саломатии занон аҳаммияти аввалиндараҷа зоҳир гардида, дар самти дастрасӣ ба саломатӣ дар заминаи баробарии гендерӣ санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ қабул шудаанд. Дар ибтидои солҳои соҳибистиқлолӣ низоми тандурустии кишвар дар ҳолати ногувор қарор дошт, зеро ба соҳаи тандурустӣ маблағи зарурӣ ҷудо намегардид дар натиҷа норасоии кадрҳои табибони соҳибтахассус ба мушоҳида мерасид. Ин вазъ дар дастрасии занон ба хизматрасонии тиббӣ душвориҳо эҷод намуда, боиси афзоиши фавти модарону кӯдак мегардид.

Бо назардошти вазъи ба миён омада таваҷҷуҳи хос ба масъалаҳои ҳифзи саломатии занон ва кӯдакон равона гардид. Дар солҳои аввали истиқлолият сиёсати давлат дар самти беҳтарсозии вазъи тандурустӣ тадриҷан густариш ёфт ва қадамҳои мушаххас дар самти таъмини дастрасии баробар ба хизматрасониҳои тиббӣ гузошта шуд.

Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон тадбирҳоро барои ҳифзи саломатии аҳолӣ, аз ҷумла модарону кӯдакон муқаррар намуда, дар моддаи 34 таъкид мекунад, ки “давлат модар ва кӯдакро ҳимоя мекунад” ва масъулияти волидайн ва фарзандонро барои ғамхорӣ ба ҳамдигар кафолат медиҳад [2с.26]. Моддаи 35-уми Конститутсия маҳдудиятҳоро дар муносибатҳои меҳнатӣ манъ карда, аз ҷумла истифодаи занон дар корҳои зеризаминӣ ва зиёноварро манъ намудааст. Дар Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон (моддаи 1, банди 1) зикр шудааст, ки «Оила, ақди никоҳ, модар, падар ва кӯдак аз ҷониби давлат муҳофизат мешаванд» [3]. То соли 2014 дар соҳаи тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоӣ зиёда аз 9 қонун, 18

қарори ҳукумат ва тақрибан 40 фармон қабул гардид, ки ин санадҳо пояҳои ҳуқуқии ҳифзи саломатии модару кӯдакро таҳким бахшиданд [4, с.52].

Барои беҳтар намудани дастрасӣ ба хизматрасониҳои тиббӣ дар давраи соҳибистиқлолӣ як силсила барномаҳо қабул шуданд, ки онҳо ҳамчун пояи сиёсати давлатӣ дар самти ҳифзи саломатии аҳолӣ ва, бахусус, занону кӯдакон хизмат мекунанд:

- Стратегияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи ҳифзи саломатии аҳолӣ дар давраи то соли 2010 (2002);
- Нақшаи стратегии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба солимии репродуктивии аҳолӣ барои давраи то соли 2014 (августи соли 2004);
- Барномаҳои миллии Тоҷикистон барои мубориза бо ВИЧ/СПИД ва бемориҳои тропикӣ барои солҳои 1997-2007;
- Барномаи миллии мубориза бар зидди гепатити В ва пешгирии он (майи 2000);
- Нақшаи миллии чорабиниҳо оид ба солимии муҳити зист (майи 2000);
- Барномаи ташаккули тарзи ҳаёти солим то соли 2010 (марти соли 2003);
- Барномаи Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ширмакӣ (ноябри 1998) [5, с.21].

Илова бар ин, 1 августи соли 2008 бо ташаббуси Пешвои миллат Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон лоиҳаи қонун дар бораи татбиқи барномаи “Нақшаи миллии ҳифзи саломатии модарони оянда то соли 2014”-ро расман қабул кард, ки ба беҳбудии муҳити зист барои ҳомиладорӣ, таваллуд ва нигоҳубини навзод равона шудааст.

Маҷмуи тадбирҳои дар давраи солҳои 2006 то 2010 роҳандозишуда ба рушди солимии репродуктивӣ дар Тоҷикистон таъсири назаррас расониданд. Дар ин давра дар мавзуъҳои «Бехатарии модар», «Пешгирии ҳомиладорӣ ва стерилизатсия» ва «Саломатии репродуктивии ҷавонон» зиёда аз 67 семинар барпо гардид. Ин тадбирҳо ба такмили ихтисоси 156 нафар мутахассисон мусоидат намуданд. Ғайр аз он, 1041 нафар мутахассисон дар курсҳои «Мониторинги солимии ҷинсӣ ва репродуктивии ҷавонон», «Идоракунии пешгирии ҳомиладорӣ», «Асосҳои этикаи тиббӣ дар соҳаи ҳуқуқи репродуктивӣ ва танзими оила», «Саломатии модару кӯдак», «Гигиенаи ҳомиладорӣ, таваллуд ва давраи баъди таваллуд», «Усулҳои муосири ширдиҳӣ» ва «Принсипҳои пешгирии СПИД/ВНМО дар байни ҷавонон» иштирок намуданд [6, с.33].

Илова бар ин, кумакҳои тиббӣ ва иҷтимоӣ, инчунин таъминоти озуқаворӣ барои ниёзмандон, ба таъмини устувории иҷтимоӣ ва беҳбуди саломатии аҳолӣ мусоидат мекунад. Дар ҳаёти кӯдакон, махсусан онҳое, ки дар вазъияти душвор қарор доранд, ёрии иҷтимоии суроғавӣ аҳаммияти махсус дорад.

Дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи суғуртаи иҷтимоӣ» ва Низомномаи соли 2003, занон ба ёрдампулии яквақта ҳангоми таваллуди фарзанд ва ёрдампулии моҳона барои нигоҳубини кӯдак ҳуқуқ доранд.

Солҳои 2005-2006 таҳқиқоти кластерии бисёриндикаторӣ оид ба саломатии кӯдакон гузаронида шуд [5, с.22]. Мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи суғуртаи давлатии иҷтимоӣ» (1997), занон ҳуқуқ доранд ёрдампулии иҷтимоии ҳангоми ҳомиладорӣ ва таваллудро дар шакли музди пурра барои давраи рухсатии вобаста ба ҳомиладорӣ ва таваллуд гиранд. Ёрдампулии яквақта барои таваллуди фарзанди аввал, дуюм ва сеюм муқаррар шудааст. Агар волидайн кор накунанд, ёрдампулӣ аз ҷониби шуъбаҳои ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ пардохт мешавад. Дар сурати рухсатии то як сол барои нигоҳубини кӯдак, ёрдампулии ҳармоҳа аз суғуртаи иҷтимоӣ дода мешавад [5, с.141-142].

Дар давраи рухсатии иловагӣ ба занон маош ва ёрдампулӣ пардохт намешавад, вале корфармо вазифадор аст ҷойи кории онҳоро нигоҳ дорад. Зан метавонад дар ин давра бо

рӯзи нопурраи корӣ ё дар хона кор кунад. Ин рухсатӣ ба стажи корӣ дохил мешавад ва нисбати волидайн ё падархонду модархонде, ки кӯдакро ба васояти худ гирифтаанд, низ татбиқ мегардад [7, с.34].

Бо мақсади дастгирии фарзандони оилаҳои камбизоат, ки дар мактабҳои таҳсилоти умумии кишвар таҳсил мекунанд, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Қарори 2 майи 2007 таҳти унвони «Пардохти ёрдампулиҳо ба оилаҳои камбизоат, ки кӯдаки мактабхон доранд», тадбирҳои мушаххас барои ёрии молиявӣ ба ин оилаҳо роҳандозӣ намуд. Бо мақсади иҷрои қарори мазкур дар назди мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳо комиссияҳои махсус таъсис ёфтанд, ки онҳоро муовинони раисони ноҳияву шаҳрҳо роҳбарӣ мекунанд. Комиссияҳои мактабӣ хонандагони ниёзмандро ба назар гирифта, ба оилаҳои камбизоат ёрдампулии иҷтимоӣ муайян мекунанд. Ёрдампулии иҷтимоӣ ба фарзандони оилаҳои мактабхон оилаҳое, ки даромади онҳо камтар аз 50% аз маоши ҳадди ақалл аст, пардохт мешавад. Барномаҳои стратегӣ ба коҳиши камбизоатӣ ва беҳдошти солимии модару кӯдак равона гардидаанд [8, с.14].

Дар соли 2011 ба хадамоти солимии репродуктивӣ барои банақшагирии оила 1220,1 ҳазор нафар муроҷиат карданд, ки ин 42,8 фоизи шумораи умумии муроҷиаткунандагонро ташкил мекунад. Аз ин шумора, 467,5 ҳазор нафар бори аввал ва 752,5 ҳазор нафар такроран муроҷиат карданд, ки мутаносибан 38,3 ва 61,7 фоизи муроҷиатҳоро фаро мегирифт [9, с.57].

Ҳиссаи занони дар давраи ҳомиладорӣ ба муассисаи тиббӣ муроҷиат накарда, дар деҳот нисбат ба шаҳрҳо қариб 2 баробар бештар мебошад.

Илова бар ин, бо мақсади беҳтар намудани хизматрасонии тиббӣ маблағгузорӣ афзоиш ёфта, таваллудхонаҳо ва марказҳои тиббӣ дар шаҳрҳо ва деҳот бо таҷҳизоти муосир таъмин ва азнавсозӣ гардиданд. Дар солҳои 2005-2013, 16 хонаи саломатӣ, 3 маркази саломатии деҳот ва 1 маркази тиббӣ- санитарӣ бунёд шуданд.

Бо дастгирии Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон ва кӯмаки ташкилотҳои байналмилалӣ, солҳои 2005-2006 маблағгузории лоиҳаи «Саломатии модар ва кӯдак» дар ҳаҷми беш аз 12 миллион сомонӣ ва лоиҳаи ҳифзи модару кӯдак дар ҳаҷми 19 миллион сомонӣ амалӣ гардид [10, с.217].

Дар самти барқарорсозӣ ва таъмини беморхонаҳо бо таҷҳизоти замонавии тиббӣ тавассути лоиҳаҳои байналхалқӣ корҳои назаррас ба сомон расиданд. Масалан, аз ҷониби Хазинаи рушди Саудӣ дар солҳои 2011-2012 барои таҷдид ва таъмини беморхонаҳои ҳифзи модару кӯдак дар шаҳри Хуҷанд 9,8 миллион доллари ИМА ҷудо гардид. Маблағи ҷудошудаи лоиҳа нафақат ба беморхонаҳои шаҳри Хуҷанд, балки ба марказҳои саломатии деҳот низ пешбинӣ гардидааст. Амбулаторияҳои табобатии деҳот бо мебел ва таҷҳизоти тиббӣ таъмин гаштанд, инчунин алоқаи телефонии шабонарӯзӣ бо муассисаҳои тиббӣ ба роҳ монда шуд. Таваллудхонаҳо низ барои расонидани ёрии касбӣ ба занҳои ҳомиладор бо таҷҳизоти замонавии эҳё (реаниматсия) таъмин шуданд [11].

Дар баҳори соли 2016 дар шаҳри Душанбе маҷмааи тандурустии «Истиқлол» мавриди истифода қарор гирифт, ки дорои 650 кат, аз ҷумла 490 кат барои нигоҳубин ва хизматрасонии модару кӯдак мебошад. Маҷмааи мазкур бо таҷҳизоти замонавӣ таъмин гашта, дар он хизматрасонии босифати тиббӣ ба роҳ монда шудааст [12 с.40-41].

Хизматрасонии тиббӣ дар тамоми ҷумҳурӣ аз ҷониби табибони оилавӣ ва акушер-гинекологҳо таъмин мешавад. Марказҳои солимии репродуктивӣ фаъолият дошта, ба занони ҳомиладор ва синни таваллуд кӯмаки тиббӣ мерасонанд. Барои ҳалли мушкилоти физиологӣ ва патологӣ ҳангоми ҳомиладорӣ стандартҳои клиникӣ таҳия ва ҷорӣ гардидаанд.

Сабабҳои асосии дар хона таваллуд кардани кӯдак аз инҳо иборатанд: бинобар ақидаҳои динӣ шавҳар намегузорад,ки кӯдак дар муассисаи тиббӣ таваллуд шавад; қасдан пинҳон

кардани далели таваллуди фарзанд (асосан писарон) то, ки дар оянда ба хизмати ҳарбӣ фиристода нашавад; мавҷудияти душвориҳои иқтисодӣ [5, с.59].

Бояд зикр намуд, ки нигоҳубини модар ҳангоми ҳомиладорӣ барои солимии кӯдаку модар аҳаммияти муҳимми стратегӣ дорад. Дар Тоҷикистон барномаи махсус барои таҳкими саломатии модарон ва кӯдакони то 5-сола, инчунин барои коҳиши сатҳи фавт дар байни онҳо амалӣ карда шуд.

Соли 2013 Бонки ҷаҳонӣ барои беҳбуди вазъи саломатии модару кӯдак дар муассисаҳои тандурустии деҳоти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба маблағи 19,8 миллион доллари ИМА грант ҷудо намуд. Ҳадафи ин грант беҳбуди саломатии модару кӯдак тавассути баланд бардоштани фарогирӣ ва баланд бардоштани сифати хизматрасониҳои ибтидоӣ дар муассисаҳои тиббии деҳот буд. Лоиҳаи нав имкон дод, ки муваффақиятҳои бадастомада таҳким ёбад, инчунин усули инноватсионии маблағгузорӣ дар асоси натиҷаҳо санҷида шавад. Лоиҳа дар ҳашт ноҳияи вилоятҳои Хатлон ва Суғди Тоҷикистон амалӣ шуда, 1 миллиону 860 ҳазор нафарро фаро гирифтааст, ки беш аз 25 дарсади аҳолии кишварро ташкил медиҳад [14].

Ҳукумати Олмон дар соли 2014 барои иҷрои марҳилаи чаҳоруми лоиҳаи «Саломатии модару кӯдак ва ёрии таъҷилии тиббӣ» ба Тоҷикистон 14 миллион евро ихтисос дод. Созишнома бар асоси тавофуқҳое, ки дар ҷараёни музокироти байниҳукуматии Тоҷикистону Олмон соли 2012 дар Душанбе ҳосил шуда буд, ба имзо расид. Дар чаҳорчӯби ин барнома 27,5 миллион евро маблағ ҷудо карда шудааст, ки ба ҳадафи ратсионализатсияи системаи тандурустӣ ва барқарорсозии шуъбаҳои таваллудхонаҳо барои расонидани ёрии таъҷилӣ дар беморхонаҳои ноҳиявӣ ва марказии вилояти Хатлон равона шудааст.

Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоӣ бо дастгирии Оҷонсии ИМА оид ба рушди байналмиллалӣ (USAID) соли 2021 барномаи наверо таҳти унвони «Модари солим, кӯдаки солим» шуруъ кард. Ин лоиҳаи панҷсола бо буҷаи умумии 17,3 миллион доллари ИМА дар ҳамкории зич бо Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, бахусус бо муассисаҳои тиббии 12 ноҳияи вилояти Хатлон, бо ҳадафи коҳиш додани сатҳи фавти модару кӯдак амалӣ мегардад [15].

Саҳми Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ин раванд бисёр назаррас аст. Зеро бо иқдом ва дастгирии бевоситаи Сарвари давлат дар Тоҷикистон сиёсати иҷтимоӣ ва тандурустӣ дар самти ҳифзи модару кӯдак ба сатҳи баландтарини ташкили хизматрасонии тиббӣ расонида шуд. Мақомоти давлатӣ таҳти роҳбарии Пешвои миллат бо таъсиси барномаҳои миллии солимии модар ва кӯдак, таъмин намудани муассисаҳои тиббӣ бо таҷҳизоти муосир, афзоиши дастрасӣ ба хизматрасониҳои тиббӣ дар деҳот ва шаҳру навоҳӣ, инчунин ҷалби созмонҳои байналмилалӣ дар татбиқи лоиҳаҳои зиёд саҳми назаррас гузоштанд. Таъсис ва таҷдиди муассисаҳои тандурустӣ, таълими касбии кормандони тиббӣ, ташкили барномаҳои тарбиявӣ ва коҳиши сатҳи фавти модарону кӯдакон аз амалҳои бузурге мебошанд, ки бо ибтикори Пешвои миллат дар кишвар амалӣ шуданд.

Кӯдакони қишрҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ осебпазири аҳолӣ барои таҳсили барвақт имкониятҳои хеле маҳдуд доштанд. Дар шаҳри Душанбе ва шаҳрҳои вилоятҳои Суғд, Қӯрғонтеппа (ҳоло Бохтар), Хоруғ, дар баъзе муассисаҳои томактабӣ барои кӯдакони дорои нуқсони шунавоӣ ва ақлӣ гурӯҳҳои махсус вуҷуд доштанд. Аммо бақайдгирӣ ва фарогирии кӯдакони дорои нуқсони инкишоф дар системаи таҳсилоти ибтидоӣ дар сатҳи зарурӣ набуд, зеро худи системаи таҳсилоти томактабӣ он замон мушкилоти иқтисодиро аз сар гузаронида, ба ислоҳоти куллӣ ниёз дошт.

Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 13 январи соли 2005, № 395, «Дар бораи рушди таҳсилоти томактабӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2006-2010» кормандони соҳаи маориф ва мақомоти иҷроияи ҳокимияти маҳаллиро вазифадор мекунад, ки барои таъсиси базаи моддию техникии муосир дар муассисаҳои томактабӣ, ки мақсади асосии он омода кардани кӯдакон барои мактаб мебошад, чораҳои зарурӣ амалӣ кунанд.

Дар шароити бухрони иқтисодӣ ва иҷтимоӣ низоми таълими томактабӣ аз ҳама харобшуда буд. Тарбияи фарзандони хурдсол амалан ба дӯши оила буд. Дар ҷумҳурӣ норасоии шадиди муассисаҳои таълимии томактабӣ вуҷуд дошт.

Бо иқдоми Пешвои миллат, қарорҳои муҳимми Ҳукумат, аз ҷумла қарори № 395 аз соли 2005 қабул гардид, ки ба таҷдиди муассисаҳои томактабӣ ва таъмин кардани онҳо бо базаи муосири моддӣ ва техникии зарурӣ замина гузоштанд. Ин тадбирҳо боиси афзоиши теъдоди муассисаҳои томактабӣ ва фарогирии кӯдакон гардиданд ва роҳи асосиро барои таъмини дастрасии баробар ба таҳсилоти томактабӣ барои ҳамаи кӯдакон, аз ҷумла қишрҳои осебпазир, фароҳам оварданд.

Ҳамин тавр, дар аввали давраи соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон соҳаи тандурустӣ, бахусус хадамоти тиббии занон, бо сабаби вазъи ногувори иқтисодӣ ва ҷанги шаҳрвандӣ номуташаккил ва дар сатҳи паст қарор дошт, ки ин омилҳо ба дастрасии занон ба хизматрасонии тиббӣ таъсири манфӣ расониданд. Дар чунин вазъият, иқдоми Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон барои барқарорсозӣ ва рушди низоми тандурустӣ нақши калидӣ дошт. Зери раҳбарии Пешвои миллат соли 2002 Барномаи миллии солимии репродуктивӣ қабул шуд, ки ҳадафаш беҳтар кардани дастрасӣ ба хизматрасониҳои тиббии занон, аз ҷумла танзими оила ва саломатии модар буд.

Бо роҳбарии Пешвои миллат ва ҳамкории Тоҷикистон бо Созмони Милали Муттаҳид, Созмони умумиҷаҳонии тандурустӣ ва созмонҳои ғайриҳукуматӣ, лоиҳаҳои муҳим оид ба омӯзиши кадрҳои тиббӣ ва баланд бардоштани сифати хизматрасонии тиббӣ амалӣ гаштанд. Ин иқдомҳо барои кам кардани фавти модарон ва беҳтар намудани дастрасии онҳо ба хизматрасониҳои баландихтисоси тиббӣ мусоидат карданд.

Дар сиёсати иҷтимоӣ ва стратегияи давлатӣ саломатии модару кӯдак яке аз самтҳои афзалиятнок ва калидӣ мебошад. Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон ба рушди барномаҳои банақшагирии оила, пешгирии ҳомиладорӣ ва бемориҳои алоқаи ҷинсӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир намуда, ба таҳкими нигаҳдории тандурустӣ ва таъмини дастрасии баробар ба хизматрасониҳои тиббӣ барои занон ва кӯдакон аҳаммияти зиёд додаанд.

Такмили минбаъдаи низоми тандурустӣ вобаста ба идомаи ислоҳот, зиёд кардани маблағгузорӣ, бартарафсозии монеаҳои меҳнатӣ ва таҳкими инфрасохтори соҳаи тиб аст, ки ҳамаи инро роҳбарияти кишвар бо сиёсати устувор ва дастуру ҳидоятҳои мушаххас пуштибонӣ менамоянд.

### *ПАЙНАВИШТ:*


1. *Генофонд нации зависит от здоровья таджикских женщин// http://khovar.tj/rus/archive/27744-genofond-nacii-zavisit-ot-zdorovya-tadzhikskih-zhenschin.html. (Санаи муроҷиат: 30.08.2024).*
2. *Законодательство и политика Республики Таджикистан в сфере социальной защиты населения: гендерный анализ. – Душанбе, 2012. – 176 с.*
3. *Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 03.01.2024, № 2031 //www.mmk.tj (Санаи муроҷиат: 30.08.2024).*
4. *Гоибов, А.Г., Ганиева, М.Х., Вохидов, А.В. Основные аспекты охраны репродуктивного здоровья населения Республики Таджикистан [Текст]/ А.Г.Гоибов, М.Х.Ганиева, А.В. Вохидов //Вестник Авиценны, 2016.-№4. –октябрь-декабрь – С.52-55.*

*5. Отчет Республики Таджикистан по реализации Конвенции ООН о защите прав ребёнка за период с 2000 по 2006 г. –Душанбе, 2007. – 227с.*
*6. Сводный четвёртый и пятый периодический доклад по реализации Конвенции о ликвидации всех форм дискриминации в отношении женщин с учетом Заключительных замечаний и рекомендаций Комитета CEDAW государств – участников. Республика Таджикистан// CEDAW/C/TJK/4-5 [Текст]. – Душанбе, 2011. – 55 с.*
*7. Система охраны материнства и ухода за детьми в Центральной Азии: национальные исследования в Казахстане и Таджикистане [Текст] // Группа технической поддержки по вопросам достойного труда и Бюро МОТ для стран Восточной Европы и Центральной Азии. – Москва: МОТ, 2014. – 48 с.*
*8. Национальный обзор Республики Таджикистан по осуществлению Пекинской декларации и Платформы действий (1995 года) и итоговых документов Двадцать третьей специальной сессии Генеральной Ассамблеи (2000 года) в контексте двадцатой годовщины Четверной Всемирной конференции по положению женщин и принятия Пекинской Декларации и Платформы действий в 2015 году. – Душанбе, 2015. – 68 с.*
*9. Занҳо ва мардҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон. Маҷмуаи оморӣ. –Душанбе, 2012. – 157 с.*
*10. Выступление Президента Республики Таджикистан Эмомали Рахмона на торжественном собрании в честь Международного женского дня (7 марта 2006 года)// Эмомали Рахмон: Мать-источник жизни. – Душанбе: Адиб, 2013 – 217с.*
*11. Проекты с обеспеченным финансированием (действующие). –Душанбе, 2024. – 99с.*
*12. Национальный обзор Республики Таджикистан по осуществлению Пекинской декларации и Платформы действий (1995 года) в рамках внедренной повестки дня в области устойчивого развития на период до 2030 года и итоговых документов Двадцать третьей специальной сессии Генеральной Ассамблеи (2000 года) в контексте Двадцать пятой годовщины Четверной всемирной конференции по положению женщин и принятия Пекинской декларации и платформы действий в 2020 году. –Душанбе, 2021. – 81с.*
*13. Правительство США отмечает достижения в области охраны здоровья матери и ребенка// https://tj. usembassy. gov /ru /u-s -government-commemorates-accomplishments-maternal-child-health-tajikistan-ru/ (Санаи муроҷиат: 25.10.2023).*
*14. Здоровая мать - здоровый ребёнок//https://www. dialog.tj/ news /zdorovaya-mat-zdorovyj-rebjonok (Санаи муроҷиат: 25.10.2023).*
*15. USAID запускает новый проект «Здоровая мама, - здоровый ребенок» в Таджикистане//https:// www.usaid.gov /ru/tajikistan/press-release/usaid-launches-new-healthy-mother-healthy-baby-activity-tajikistan (Санаи муроҷиат: 25.10.2023)*
*16. Закон Республики Таджикистан «Об образовании Республики Таджикистан». – Душанбе, 2004. – 59 с.*

**REFERENCES:**

*1. The Gene Pool of the Nation Depends on the Health of Tajik Women// http://khovar.tj/rus/archive/27744-genofond-nacii-zavisit-ot-zdorovya-tadzhikskih-zhenschin.html. ( date of appeal: 30.08.2024).*
*2. Legislation and Policy of the Republic of Tajikistan in the Field of Social Protection of the Population: a gender analysis. - Dushanbe, 2012. - 176 pp.*
*3. Family Code of the Republic of Tajikistan dated 03.01.2024, No. 2031 //www.mmk.tj. (date of appeal: 30.08.2024).*
*4. Goibov, A.G., Ganieva, M.Kh., Vohidov, A.V. Main Aspects of Protecting the Reproductive Health of the Population of the Republic of Tajikistan [Text] / A.G. Goibov, M.Kh. Ganieva, A.V. Vohidov // Avicenna Bulletin. - No. 4. - October-December 2016. - PP. 52-55.*

5. *Report of the Republic of Tajikistan on the Implementation of the UN Convention on the Protection of the Rights of the Child for the period from 2000 to 2006. - Dushanbe, 2007. - 227 pp.*
6. *Combined Fourth and Fifth Periodic Reports on the Implementation of the Convention on the Elimination of All Forms of Discrimination against Women, taking into account the Concluding Observations and Recommendations of the CEDAW Committee to States Parties. Republic of Tajikistan// CEDAW/C/TJK/4-5 [Text]. - Dushanbe, 2011. - 55 pp.*
7. *Maternal Health and Child Care System in Central Asia: National Studies in Kazakhstan and Tajikistan [Text] // ILO Decent Work Technical Support Team and Country Office for Eastern Europe and Central Asia. - Moscow: ILO, 2014. - 48 pp.*
8. *National Review of the Republic of Tajikistan on the Implementation of the Beijing Declaration and Platform for Action (1995) and the Outcome Documents of the Twenty-Third Special Session of the General Assembly (2000) in the Context of the Twentieth Anniversary of the Fourth World Conference on Women and the Adoption of the Beijing Declaration and Platform for Action in 2015. – Dushanbe, 2015. – 68 pp.*
9. *Women and Men of the Republic of Tajikistan. Statistical compilation. – Dushanbe, 2012. – 157 pp.*
10. *Speech of the President of the Republic of Tajikistan Emomali Rahmon at the ceremonial meeting in honor of International Women's Day (March 7, 2006) // Emomali Rahmon: Mother is the source of life. - Dushanbe: Adib, 2013 - 217 pp.*
11. *Projects with Secured Financing (current). – Dushanbe, 2024. – 99 pp.*
12. *National Review of the Republic of Tajikistan on the Implementation of the Beijing Declaration and Platform for Action (1995) within the Framework of the Implemented 2030 Agenda for Sustainable Development and the Outcome Documents of the Twenty-Third Special Session of the General Assembly (2000) in the Context of the Twenty-Fifth Anniversary of the Fourth World Conference on Women and the Adoption of the Beijing Declaration and Platform for Action in 2020. – Dushanbe, 2021. – 81 pp.*
13. *The US Government Commends Achievements in Maternal and Child Health// https://tj. usembassy. gov /ru /u-s -government-commemorates-accomplishments-maternal-child-health-tajikistan-ru/ (Date of appeal: 25.10.2023).*
14. *Healthy Mother - Healthy Child//https://www. dialog.tj/ news /zdorovaya-mat-zdorovyj-rebjonok (date of appeal: 25.10.2023).*
15. *USAID launches new project "Healthy Mother, Healthy Child" in Tajikistan//https:// www.usaid.gov /ru/tajikistan/press-release/usaid-launches-new-healthy-mother-healthy-baby-activity-tajikistan (date of appeal: 25.10.2023)*
16. *Law of the Republic of Tajikistan "On Education of the Republic of Tajikistan". - Dushanbe, 2004. - 59 pp.*